**СУРАТҶАЛАСАИ №119**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

**аз 20 январи соли 2026**

**Иштирок кард:** Аз 16 нафар ҳайати шурои диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 15 нафар иштирок доштанд: Иматзода Л.М. – раиси шуро, Раҳимзода Х. – муовини раиси шуро, Котибова Ш.П. - котиби илмӣ, аъзоён: Негматов С., Латифзода Д.Н., Юнусова Н.М., Гулмадов Ф., Каримзода М.Б, Туронов С.Ш., Махкамов Д., Лутфуллоева П.М., Обидова М.И., Рамазонова Р.С., Ҳакимова Ҷ.С., Ҷонмаҳмадова Г.Ш. аз ҷумла, 2 нафар докторони илм ва 2 нафар номзадони илм оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешвад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ), тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Иматзода Л.М., аъзои комиссияи экспертӣ д.и.п. Гулмадов Ф., н.и.п., дотсент Шарифиён М.Х., н.и.п. Лутфуллоева П.М. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад) баромад карданд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. Назария ва методики таълиму

тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) барои ҳимоя иҷозат дода шавад.

Ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

Ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ва **Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шаванд.

Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи шурои диссертатсионии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

2. Рӯзи ҳимоя 9 апрели соли 2026 таъйин карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Л.М.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.п., дотсент** **Котибова Ш.П.**

*Имзои Иматзода Л.М. ва Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.